**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
**Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор**
**_______________ Ғаффорӣ Н. У.**
**«___»_____________________ 2021**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи номзадии Абдуллоев Ҷамшед Темурович дар мавзӯи «Таърихи ташаккули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои истиқлолият (солҳои 1991 – 2016)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих). Душанбе, 2021.**

Диссертатсияи Абдуллоев Ҷамшед Темурович тибқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзӯи “Осиёи Марказӣ дар низоми равобити байналмилал” барои солҳои 2011 – 2016 иҷро гардида, дар ҷаласаи кафедраи таърихи умумии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия аъзоёни кафедра, аз ҷумлаи 3 доктори илмҳои таърих, профессор, 7 нафар номзади илмҳои таърих, 4 муаллими калон ва 5 докторант (PhD) иштирок доштанд.

Муассисаи тарқриздиҳанда дар хулосаи мусбии худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои таърих Мамадазимов Абдуқаюм Абдуғаниевич омода гардидааст, иброз менамояд, ки диссертатсияи Абдуллоев Ҷамшед Темурович дар мавзӯи мубрам навишта шуда, аҳамияти назариявию амалии илмӣ дорад.

Мубрамияти мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки Ҷумҳурии Қирғизистон бо мо давлати ҳамсарҳад буда, шарики анъанавии иқтисодӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳар ду кишвар давлатҳои болооб ба шумор меравurand, ки маҷрои ҳавзаҳои дарёҳои Сирдарё ва Амударё дар қаламрави онҳо ташаккул меёбанд.